Ба Шурои диссертатсиони 6D.КОА-018
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни
Ҳисорак, бинои 11)

Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Ализода Исмоил Исмон дар мавзуи: «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Ализода Исмоил Исмон аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ мубрам мебошад. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун чораи маҷбурии давлатӣ дар самти ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ накши созгор дорад. Зеро тамоми муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ дар давлат дар асоси меъёри ҳуқуқ ба танзим дароварда мешавад ва сатҳу сифати риояи он бошад як андоза бо таҳдиди татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ таъмин карда мешавад.

Диссертант дар таҳқиқоти илмии худ кӯшиш намудааст, ки мафҳуми функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, таснифи намудҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва якчанд дигар паҳлуҳои муҳимми масъаларо мавриди баррасӣ қарор диҳад, ки муҳим ва саривақтӣ мебошанд.

Имрӯз мушаххас намудани мафҳум, мақсади ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва функсияҳои он, инчунин, расонидани муҳтавои масъалаҳои мазкур ба шуури ҳар як сокини кишвар баҳри таъмини сулҳу субот ва амнияти ҷомеа мусоидат менамояд. Ногуфта намонад, ки як миқдори муайяни ҳуқуқвайронкуниҳо аз надонистани ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва дарк накардани оқибатҳои манфии он содир мегарданд.

Диссертант дуруст иброз менамояд, ки функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба функсияҳои ҳуқуқ ва давлат робитаи зич дошта, дар умум

баҳри татбиқи сиёсати ҳуқуқии давлат нигаронида мешаванд (саҳ. 16). Дар идомаи андешаҳои худ бисёр ба маврид таъкид менамояд, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ муҳимтарин функсияҳои ҳуқуқиро барои ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон, ҷамъият ва таъмини тартиботи ҳуқуқӣ дар кишвар иҷро мекунад. Вай на танҳо барои содир кардани ҷиноятҳои мушаххас ҷазо медиҳад, балки ба он мусоидат мекунад, ки бо кафолати ногузирии ҷазо барои вайрон кардани қонуни ҷиноятӣ, содир намудани ҷиноятҳои навро пешгирӣ мекунад. Гузашта аз ин, бо мазмуни мукаммал функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ вобаста ба принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ пешниҳод гардидааст, ки пурмазмун мебошад (саҳ. 17).

Аз ҷониби И.И. Ализода мафҳуми шаклҳои амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ пешниҳод гардидааст, ки дорои баҳои баланди илмӣ буда, аз мустақилияти андешаронӣ ва донишмандии муаллифи он далолат медиҳад (саҳ. 18).

Дар натиҷаи таҳқиқи масъала муаллиф шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро таҳлил намуда, шакли ихтиёрӣ ва маҷбуриро ҳамчун шакли маъмули амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ муайян намудааст.

Ба андешаи муаллиф, функсияи тарбиявӣ асосан дар шаклҳои ихтиёрӣ ва маҷбурӣ амалӣ карда мешавад. Шакли ихтиёрии амалисозии функсияи тарбиявӣ дар он ифода меёбад, ки шахс таҳдиди татбиқи ҷазоро дар қонунгузорӣ фаҳмида, ба таври ихтиёрӣ аз содир кардани рафторҳои зиддиҳуқуқӣ даст мекашад. Ӯ дар шуури худ дарк менамояд, ки ҳангоми содир кардани кирдори муайяни зиддиҳуқуқӣ гирифтори оқибатҳои вазнин хоҳад шуд. Дар ин ҳолат функсияи тарбиявии ҷавобгарӣ дар шакли ихтиёрӣ амалӣ карда мешавад (саҳ. 22).

Аз муҳтавои автореферати диссертатсия бармеояд, ки сохтори рисола вобаста ба мақсад ва вазифа буда, аз муқаддима, ду боб, нуҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва феҳристи интишороти илмии

довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад. Аз сохтори рисола бармеояд, ки он дар чаҳорчӯбаи пайдарҳамии мантиқӣ созмон ёфтааст ва барои ҳалли масъалаҳои муҳимми илмӣ мусоидат менамояд.

Он нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод гардидаанд, илман асоснок буда, аз камолоти илмӣ-эҷодии муаллиф далолат медиҳанд. Натиҷаҳо ва пешниҳодҳое, ки аз ҷониби муаллиф таҳия шудаанд, сазовори боварӣ мебошанд.

Новобаста аз дастовардҳо дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе нуктаҳои илмии мубоҳисавӣ ҷой доранд.

Дар тавсияи амалии сеюм пешниҳод карда мешавад, ки «Стратегия пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон ва ҷавонон» қабул карда шавад. Бояд ёдовар шуд, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2020 таҳти № 431 «Барномаи миллии пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон барои солҳои 2020-2024» қабул гардида буд. Аз ин рӯ, ноаён аст, ки бо кадом мақсад зарурияти қабули Стратегия пешниҳод гардидааст, на ин ки барномаи нав, инчунин, ба масъалаи ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ҷавонон низ ишора карда мешавад, ки асоснокнамоии иловагиро тақозо менамояд.

Андешаи мазкур, ба мазмуни мусбии таҳқиқоти диссертатсионӣ таъсири манфӣ намерасонад.

Дар натиҷаи таҳлили автореферати диссертатсия метавон хулоса намуд, ки мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

Диссертатсияи Ализода Исмоил Исмон дар мавзуи: «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори

Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд ва муаллифи он, арзандаи дараҷаи илмии дархостшуда мебошад.

Сардори факултети № 2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мансурзода А.М.

Ихтисос: 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

Имзои «Мансурзода А.М.»-ро тасдиқ менамоям.
Муовини сардори шуъбаи кадрҳои
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
полковники милитсия Камолӣ З.Б.

20.01.2025

Суроға: 734024, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов 3,
тел: +992 (37) 226-60-42, . Моб.: +992 918 40-07-11 Суроғаи электронӣ: www.avkd.tj; E-mail: tam300986@mail.ru